## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи “Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазири ҷомеа(Таҷрибаи Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Кори диссертатсионии Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович масъалаҳои муҳими илмҳои сиёсии муосирро фаро гирифта, дар ҳалли масоили муқовимат ба тундгароии динӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа нақши муассир мебозад. Таҳқиқоти соҳаи мазкур аҳаммияти барҷастаи илмию назариявӣ ва сиёсию амалиро касб менамояд.

Омӯзиш ва таҳлили роҳҳои поён овардани нуфуз ва нақши иртиҷоии ин падидаи номатлуб дар сатҳи сиёсати байналмилалӣ ва робитаҳои мутақобилаи мамлакатҳо мавқеи хос ва калидиро гирифтааст. Воқеан ин падидаи номатлуб ба зумраи ҷиддитарин таҳдидҳо ба фарҳанг ва тамаддуни башарият, инчунин арзишҳои муосири умумиинсонӣ буда, бештар аз ҳама ба сулҳу субот ва тараққиёти мусолиҳатомези ҷомеаи имрӯзаи сикуларӣ хатари ҷонкоҳ ворид месозад. Ин падидаи номатлуб маъмулан дар шакли амалҳои ифротии тахрибомези иҷтимоӣ зоҳир шуда, ба амнияти давлат ва рушди босуботи ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Тундгароии динӣ бо тахриби бевоситаи объектҳо ва арзишҳои анъанавӣ ва иҷтимоӣ, бо қатлу куштор ва террор, ки барои тундгароён шакли асосии татбиқи барномаи идеологии онҳо мебошад, алоқаманд аст. Таъсири идеологияи он боиси таҳрифи ҷаҳонбинии инсон ва ҷомеа, инчунин нуқси ҷиддӣ ва инҳирофи равонии ӯ гардида, гурӯҳи калони одамонро ба доми худ андохта, ба арзишҳо, афкор, ҷаҳонбинӣ ва шуури онҳо таъсир ҳамаҷониба мерасонад ва онҳоро ба гурӯҳҳои хушунатомез ва ифротӣ табдил медиҳад. Аксаран ниқоби динӣ ҳамчун як зоҳир ва рӯйпӯши муносибе барои тундгароёни динӣ ва терроризми байналмилалӣ ба хотири расидан ба ҳадафҳои ғаразноки онҳо хидмат менамояд.

Дар раванди имрӯзаи пешравии ҷомеаи техногенӣ ва ҷаҳонишавӣ дар баробари дигар зуҳуроти исломи сиёсӣ тундгароии динӣ ва таҳияии роҳу усулҳои муқобилият бар зидди ин падида на танҳо барои кишварҳои алоҳида, балки барои башарият ва тамаддуни муосир яке аз масъалаҳои хеле доғ ва рӯзмара ба шумор меравад. Миқёс ва ҷугрофияи амалҳои террористӣ тайи солҳои охир аз он шаҳодат медиҳанд, ки тундгароён ва террористон моҳият ва шаклу муҳтавои фаъолияти худро тағйир дода, ба як падидаи глобалӣ табдил ёфтаанд.

Имрӯз зарурати он расидааст,ки бояд аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони сиёсатшинос моҳият ва сохтори шаклҳои муосири зуҳури тундгароии динӣ ба таври возеҳ ва мушаххас омухта шуда, роҳу усулҳои муносиби муқобилият, механизмҳои пешгирӣ ва поён овардани шиддати таъсири он дар ҷомеа тарҳрезӣ гарданд.

Боби якуми диссертатсия "**Тундагароии динӣ ва низоми сиёсати ҷаҳонии муосир:асосҳои назариявӣ ва методолгии зуҳур,хусусият ва моҳияти он**" ба таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологиии масоили тундгароии динӣ бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия "**Тундагароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**" ба омузиши таҳдиди зуҳуроти тундгароии динӣ дар фазои кишвар бахшида шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикоси худро ёфтаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гардидааст.

Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот, аз чумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, муҳиммияти он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллиф анчом дода шудаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар таҳқи қот,пешниҳоди андешаҳо, тавсиф ва таҳлили мафҳумии проблемаҳо, хулосаҳли таҳлилӣ, пешниҳодҳои

мушаххас ва интишороти ӯ собит мегарданд. Ҳ.Ҳ.Хоҷаев аҳамият ва арзишҳои илмию таҳқиқотии мавзуъ, муҳиммияти назариявию методологӣ ва сиёсию амалии асоснок намудани таҳқиқи онро собит намудааст.

Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки муаллиф сатҳи касбияти зарурӣ ва қобилияти таҳқиқоти илмиро пайдо намудааст. Кори диссертатсионӣ ба таври мантиқӣ таълиф гардида, маводҳои таҳқиқотҳои илмӣ ба таври амиқ таҳлил гардида, натиҷаҳо хулосагирӣ шудаанд, тавсияҳои муҳим пешниҳод гардидаанд, ки аҳамияти амалиро касб менамоянд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзӯи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд, мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамоянд. Ҳ.Ҳ.Хоҷаев аз худ дониши амиқ ва маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлил ва натиҷагириро нишон дода, қобилияти баланде барои гузаронидани таҳқиқоти мустақилонаи илмиро нишон додааст. Кори диссертатсионии ӯ ба таври таҳқиқотию таҳлилӣ ва таснифотӣ иншо шуда, дар он дар асоси андешаҳои муаллиф ҳолатҳои илмию назариявӣ ва амалӣ ба таври зарурӣ таҳия гардидаанд. Ҳамин тавр, Ҳ.Ҳ.Хоҷаев муҳаққиқи дорои дониши қавии сиёсӣ буда, рисолае бо усули хос, методологияи пазируфта ва муносибати объективонае оид ба равандҳо дар Тоҷикистон таҳия намудааст. Истифодаи хулосаҳо ва пешниҳодҳо ҳам барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам барои кишварҳои дигар арзишманд буда, дар дарки масъалаҳо ва дарёфти ҳалли онҳо ҷойгоҳи хоса пайдо менамояд. Кори диссертатсионӣ пажуҳиши илмии мустақилона мебошад. Он аз рӯи мазмуну мундариҷа ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқ аст. Адабиёти истифодашуда, хулосаҳои таҳлилӣ, мазмуну мундариҷаи рисола, методҳои истифодашуда ба ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ дар пайвасти бевосита қарор доранд. Кори диссертатсионии Ҳ.Ҳ.Хоҷаев дар мавзӯи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазири ҷомеа(Таҷрибаи Тоҷикистон)» мубрамият ва навгониҳоро ба таври барҷаста инъикос намуда, ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади

илмхои сиёсӣ аз руи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои фалсафа,директори
Институти омузиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Ҳайдарзода Р.Ҷ.

734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе,хиёбони Рӯдакӣ 33
тел: 93 730 87 87
почтаи электронӣ: rustamhaydarov.tjk@gmail.com

Имзои Р.Ҷ.Ҳайдарзодаро тасдиқ мекунам

Нозири кадрҳои
Институти омузиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Зуҳуров А.

ШУЪБАИ КАДРҲО

02.09.2024